# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низамова Туҳфамо Давлатовна ба рисолаи диссертатсионии Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06- иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06) Иқтисодиёти соҳибкорӣ

Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад соли 2009 ба шӯъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси аспиранти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ дохил шуда ва ҳоло диссертатсиашро пешниҳод намудааст.

Дар давоми таҳсил ӯ худро ҳамчун мутаххасиси варзида ва босавод нишон дод. Ба сифати мавзӯи диссертатсия мавзуи мубрам «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» интихоб гардида, аз муҳокимаи кафедра гузашта барои дифоъ пешниҳод намудааст.

Дар давоми таҳсил унвонҷӯ Азизӣ М.Г. масъалаҳои назариявию методии инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро таҳқиқ намуда, омилҳои ба ин ҷараён таъсиррасонро муайян карда, таҳлили вазъи муосири инфрасохтори соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Инчунин самтҳои асосии беҳтар намудани инфрасохтори фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

Ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва комёб шудан ба мақсади таҳқиқот дар натиҷаи истифодаи босаводонаи усулҳои илмӣ ва донишҳо дар асоси услубҳои таҳқиқот, доираи васеи манбаъҳои иттилоотии истифодашаванда мусоидат намуд.

Унвонҷӯ Азизӣ М.Г. дар ҷараёни таҳсил имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм, забони хориҷӣ (англисӣ) бо муваффақият супоридааст. Доир ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 21 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия омода ва нашр карда шудаанд. Унвонҷӯ дар як қатор конференсияҳои

ҷумҳуриявӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намудааст ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот мусбӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар асоси нуктаҳои зикршуда рисолаи диссертатсиионии Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, дорои натиҷаҳои илмӣ, навоварӣ, аҳамияти амалӣ мебошад, хулоса ва пешниҳодҳо барои самаранок гардонидани ҷараёни фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси беҳтар намудани инфрасохтори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, навгониҳои назариявию методӣ, инчунин аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамоянд.

Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Азизӣ М.Г. тадқиқоти илмии мустақилона буда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад, кори илмии ба итмомрасида аст ва саҳми шахсии муалифи диссертатсияро дар илм инъикос менамояд. Тадқиқоти диссертатсионӣ бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, барои пешдифоъ дар кафедра тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, д.и.и., профессор** — **Низамова Т.Д.**

**Имзои Низомова Т.Д. - ро тасдиқ мекунам**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** — **Шодихонзода Э.Ш.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Тел: (+992) 221-78-11**

**«24» апреля соли 2026**